**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Масъалаи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар марҳилаи имрӯза яке аз проблемаҳои муҳими ҷомеа арзёбӣ мегардад. Зеро, ин масъала то кунун дар илми педагогикаи муосир ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, барномаҳо ва усулҳои кор бо кӯдакон, асосан, ба ташаккули маҳорату қобилиятҳои кӯдакон нигаронида шудааст, ки ин ҳолат хислати маҳдуди дидактикӣ дошта, инкишофи эҷодии онҳоро ба пуррагӣ инъикос намекунанд. Ин раванд ба таври стихиявӣ ва бенизом сурат мегирад.

Дар рӯзгори кунунӣ барои ҷомеа ва қонеъ намудани талаботи он наврасонеро ба камол расонидан зарур аст, ки фавқулода, яъне эҷодкорона андеша карданро дар ҳолатҳои гуногун доро бошанд. Ҳарчанд ин масъала дар шароити имрӯза, то андозае роҳи ҳаллӣ худро ёфта бошад ҳам, вале баъзан омилҳо ва ҳолатҳое пайдо мегарданд, ки ба ин раванд монеаҳо эҷод мекунанд. Аксар вақт кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ маълумотро дар асоси усулҳои маъмулии анъанавии ҳалли вазифаҳо дар хотир нигоҳ ва такрор мекунанд. Ба кӯдакон пеш аз ҳама, заминаҳои эҷодгариро маъво кунонидан зарур аст, то ки ба эҷодкори шуғлу меҳру шавқ пайдо намоянд. Такрории якрангии амалҳо дар баъзан ҳолат хастагиро ба бор оварда, шавқу завқи омӯзиш ва равандҳои эҷодиро пахш мекунад. Аз ин лиҳоз, дар раванди таълиму тарбия аз методҳои инноватсионии педагогӣ истифода намудан самаранокии фаъолиятро таъмин мекунад. Озодии комили кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ бо сарварии педагог таҳти ҳидояти волидайн усули нави таълим ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, то онҳо аз тахайюл ва эҷоди худ истифода намуда, раванди педагогиро тарҳи дигар бахшанд. Мафҳуми «эҷодкории кӯдакон» чунин мафҳумҳоро ба монанди: «дарки ашё», «тахайюл», «амали эҷодӣ» ва амсоли инҳоро дар бар мегирад, ки ба ҳам алоқаманд буда, моҳияти эҷодии онҳоро муайян мекунад.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле дуруст ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки муассисаи томактабӣ бояд ба талабагон имконият фароҳам оварад, ки ихтироъ кардан ва гузаронидани тадқиқот,

фаҳмидан ва азхуд кардани чизҳои нав, баёни нуктаи назари худ, ташаккули баёни озод, қабули қарорҳо ва ҷустуҷӯи маълумоти заруриро ёд гиранд, пас зарур аст мураббӣ-омӯзгор бо афзори арзёбии муваффақияти кӯдакон дар азхудкунии ин натиҷаҳо, фароҳам овардани имкони муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҳар як кӯдак дар раванди азхудкунии малакаҳои муайян барои сохтани фазои инфиродии таълимӣ талош варзад.

**Мақсади таҳқиқот** дар ошкор намудан ва коркарди илмии асосҳои назариявии шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси барномаи таҳиягардидаи педагогӣ мебошад .

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Таҳлили ақидаҳои педагогию психологии илми муосир ва таҷрибаи пешқадам дар бораи табиати эҷодкорӣ, нерӯи эҷодӣ ва дарку эҳсосоти кӯдакони синни томактабӣ.
2. Муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.
3. Собит намудани раванди педагогӣ – психологии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ зимни фаъолияти тасвирӣ.
4. Мавриди таҳлилу такмил қарор додани фаъолияти тасвирӣ-ҳамчун воситаи муҳими инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ.
5. Муайян ва мушаххас намудани шароитҳо ва муҳити педагогӣ-психологии,имконияти фароҳам овардан,барои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.
6. Ошкор сохтани меъёр ва нишондодҳои босамари инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.
7. Коркард намудани барномаи педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.
8. Гузаронидани озмоишҳо барои муайян намудани инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Маводҳои бо роҳи таҳқиқот ва дар натиҷаи корҳои озмоишӣ бадастомада, метавонанд то ҳадди имкон ба ҳайси дастуру роҳнамо ва манбаи асосӣ дар таҳқиқи минбаъдаи малака ва маҳорати эҷодии кӯдакони синни томактабӣ, дар санъати тасвирӣ истифода мешаванд.

Раванди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ ба таври назариявӣ ошкор карда шуд. Омилҳои ботинӣ ва зоҳирии мунтазам ва дар шакли ҷудогона муайян гардиданд;

Инчунин, фаҳмиши педагогии имкониятҳо ва хусусиятҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар шароити муассисаи томактабӣ васеъ мегарданд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Маводҳо ва натиҷаҳои корҳои таҳқиқот барои мукаммал намудани мундариҷаи кори муассисаҳои томактабӣ дар самти инкишофи эҷодии кӯдакон ҳангоми фаъолияти тасвирӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

- воситаҳои босамари педагогии ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд;
- роҳҳо ва усулҳои методикаи инкишофи эҷодии кӯдакон ҳангоми фаъолияти тасвирӣ дар таҷриба амалӣ карда шуданд;
- муносибатҳои педагогӣ ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд;
- аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд омӯзгорон ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани фаъолияти тасвирӣ барои инкишоф додани эҷодӣ кӯдакон истифода намоянд.
- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод барои баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

Муаллиф кӯшиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ тарҳрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ баҳрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд.

Мақолаҳо ва автореферати диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» фарогири тамоми масъалаҳои диссертатсия мебошанд.

Барои беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои кори таҳқиқотӣ баъзе тавсияҳои худро пешниҳод менамоем.

1. Дар кори таҳқиқотӣ нақши фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ ба таври равшан нишон дода нашудааст.

2. Талаботҳои барномаи таълимии томактабӣ, ки ба фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ нигаронида шудаанд, дар кори таҳқиқотӣ васеъ таҳлил нагардидааст.
3. Дар кори илмӣ баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем.

Норасоиҳо мавҷуда арзиши илмии кори таҳқиқотии Пачаева Муҳаё Пулатовнаро кам намекунад.

Натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методие, ки таҳия ва пешниҳод шуданд, имконият медиҳанд, ки инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ босамар таъмин ва татбиқ карда шаванд.

Хулоса, диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) ба талабот КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферата̄ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи психологияи Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода — Ошимова Маҳбуба Машарифовна

16.09.2024

Имзои Ошимова М.М. тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода — Юсупова Б.Ғ.

**Нишонӣ:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода.
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj